«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
__________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«_07_» __________ 2024 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ» бахшида шуда, мухтавои он ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Рисола ва масъалаҳои дар доираи он баррасишуда аз нигоҳи умумии назариявӣ ва амалӣ, барои ҳар як давлати муосир, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳим мебошад. Мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки амнияти иқтисодии дилхоҳ давлат як ҷузъи калидии амнияти миллӣ ба шумор меравад ва коста гардидани он боиси косташавии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ мегардад ва ё боиси маҳдуд гардидани манфиатҳои иқтисодии шахс, ҷамъият ва давлат мегардад. Ҳимоя намудани муносибатҳои молумулкӣ дар давлат, яке аз асосҳои устувори таъмини муътадили воқеии иқтисодиёти давлат ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки бештари ҷиноятҳои дар ҷумҳурӣ содиршаванда

ба ҷиноятҳо муқобили моликият ба хисоб рафта, ҷиноятҳои хусусияти тасарруфидошта як қисми таркибии ҷиноятҳои мазкурро ташкил медиҳанд. Теъдоди содиршавии ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар муқоиса бо ҷиноятҳои ба тасарруфи молу мулки ғайр таалуқдошта, нисбатан кам ба қайд гирифта шаванд ҳам, онҳо бештар ба тасарруф намудани молу мулки давлатӣ, ба миқдори калон ва ё аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир мешаванд, ки ҳолати мазкур аҳаммиятнокӣ ва муҳиммияти масъалаи матраҳшавандаро хеле зиёд мегардонад

Аз ин нукта диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ», ҳам аз нигоҳи назарияи илмӣ ҳуқуқшиносӣ, ҳам аз нигоҳи амалияи ҳуқуқӣ мубрам мебошад.

Ҳамчунин, тазаккур бояд дод, масъалаи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, мавриди таҳлил ва таҳқиқи амиқи илмӣ нагирифтааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Акмалзода Н.Н. дар мавзуи болозикр бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон пажуҳиши ҳамаҷониба шудааст. Муаллиф норасоиҳо, холигиҳо ва мушкилоти самти мазкурро муайян намуда, бобати пешгири азонихудкунӣ ва исрофкорӣ андешаҳои асосноки илмиро таҳия ва пешниҳод кардааст. Бартарии бешубҳаи асар дар он аст, ки он дар заминаи назариявӣ ва амалӣ навишта шудааст, ки он махсусан ҳангоми таҳқиқи ин гуна мавзуҳо муҳим аст.

Нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва сохтори таркибии он маҷмуи саволҳоро дар бар мегирад, ки барои ҳалли масъалаи мавриди омӯзиш зарур мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки дар доираи ду боб ва ҳафт зербоб моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра муҳокима ва ошкор намояд.

Дар боби аввал – инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, муаллиф азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравиро мавриди баррасӣ

карор дода, ба андешаи мо онҳоро моҳирона ҳаллу фасл намудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 марҳилаи нав дар инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб мерафт. Муаллиф иброз менамояд, ки дар Кодекси мазкур фарқгузории ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр вобаста ба шакли моликият пешбинӣ нашуда буд. КҶ ҶШФСР 1922 ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои азонихудкунӣ ва исрофкории молу мулке муқаррар менамуд, ки ба шахси инфиродӣ ё шахси мансабдор барои мақсадҳои муайян бовар карда супорида шуда бошад. Азонихудкунии аз ҷониби шахси мансабдор содиршуда ҳамчун ҷинояти мансабӣ аз рӯйи м. 113 бандубаст карда мешуд. Аммо дар боби VI «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» қонунгузор дар баробари азонихудкунӣ исрофкориро низ фарқ менамуд (с. 27-28).

Дар боби дуюм – объект ва предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, хусусиятҳои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, тарафи субъективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, аломатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва амалишавии онҳо дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судро таҳлил кардааст.

Умуман, таҳқиқоти диссертатсионии Акмалзода Нодирхон Носир бисёр маводҳои назариявӣ ва амалиро дар бар мегиранд, ки барои дарки хусусиятҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аҳамияти калон доранд. Хулоса ва тавсияҳои муаллифи диссертатсия асоснок буда, сазовори баҳои мусбӣ мебошанд. Руйхати адабиёти диссертатсия ҷалби доираи васеи адабиёти илмӣ ва маводи амалиро дар раванди таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Нововарии илмиро интихоби мавзуъ, равиши таҳлили он бо назардошти баррасии масъалаҳои баҳсталаб муайян мекунад.

Аз ҷумла, дар доираи корҳо дар илми ҳуқуқи ватанӣ бори нахуст барои таҳлили амиқи мафҳуму моҳияти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бахшида шуда, мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда муайян карда шуда, ҷиҳати такмили м. 245 КҶ ҶТ тавассути ворид намудани тағйирот ба аломатҳои бандубастшавандаи ҷинояти мазкур пешниҳодҳои асоснок ироа гардидааст. Рисолаи илмӣ аз навгониҳои зерин иборат аст:

– бори аввал дар рисолаи илмӣ масъалаи батанзимдарории ҳуқуқии ҷиноятии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун ҷинояти муқобили моликият ва ҷавобгари барои содиршавии он дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҶТ инъикос гардидааст;

– дар рисолаи илмӣ муаллиф тасарруфи молу мулки ғайр бо аломатҳои ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро тибқи қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои пасошуравиро таҳлил намуда, хулосаҳои амиқи илмӣ коркард намудааст;

– ҳамчунин, навгонии дигари рисола дар он мебошад, ки муаллиф объект ва тарафи объективии ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро баррасӣ намуда, андешаҳои асосноки илмиро пешкаш намудааст;

– дар рисолаи илмӣ субъект ва тарафи субъективии ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, вобаста ба масъалаҳои зикршуда, пешниҳодҳоро дар самти такмили қонунгузории ҷиноятӣ ироа намудааст;

– аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва татбиқи он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, оид ба ин қисмат, аз ҷониби муаллиф андешаҳои мукаммал пешниҳод гардидааст.(с. 14-15).

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур гардидаанд, башорат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, махсусан ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати санадҳои қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти

ҳуқуқтатбиқкунанда ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ назаррас мебошанд.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Мундариҷаи кори илмӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф тавонистааст миқдори зиёди маводи илмиро дар мавзуъ таҳлил кунад, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф қонунгузории ҷиноятии аксар давлатҳои пасошуравӣ таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо ҳам тақрибан монанд ба танзим дароварда шудаанд. Фарқият асосан дар муайян намудани предмети ҷиноят ва муқаррар намудани аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда ба назар мерасад мавриди таҳлил қарор додааст (с. 67-68)

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ бо дарназардошти вазъи имрӯзи рушди низоми қонунгузории ҷумҳурӣ ҳақиқатнигорона дар доираи манфиати давлати миллӣ ва рушди фаъолияти қонунгузории касбӣ баррасӣ намудааст. Ҷамъбаст, таҳлил ва дарки нави назариявии масъалаҳои проблемавии дар рисола баррасишуда арзиши назариявии тадқиқотро муайян мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявӣ ва амалии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд ва дар такмили раванди қонунгузории касбӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин соҳа дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавҷудбударо пур менамоянд. Аҳаммияти

назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, фарқияти ин ҷиноят аз таркиби дигар ҷиноятҳо ҷамъбаст ва густариш медиҳад

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Акмалзода Нодирхон Носир дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

1. Муаллиф дар пешниҳоди 5 баён медорад, ки "барои равшан намудани мафҳуми "молу мулки дар ихтиёрбуда" дар м. 245 КҶ ҶТ калимаҳои "...ё дар ихтиёрӣ ӯ мебошад" бо ибораи "...ё дар ихтиёрдории ташкиливу амрдиҳӣ ё маъмуриву хоҷагидории ӯ мебошад" иваз карда шавад". Вале ҳангоми розӣ шудан бо чунин пешниҳод рақобат байни қ.1 м.245 КҶ ва б "г" қ.2 м.245 КҶ ҶТ ба вуҷуд меояд. Зеро ҳама гуна шахси дорои ваколатҳои ташкиливу амрдиҳӣ ё маъмуриву хоҷагидорӣ шахси мансабдор ҳисоб шуда, ҷавобгарии ӯ мутобиқи б. "г" қ.2 м.245 КҶ ҶТ ба вуҷуд меояд. Аз ин сабаб чунин пешниҳоди муаллиф баръакс метавонад кори мақомоти ҳуқуқтатбиқунандаро ҳангоми татбиқи м.245 КҶ ҶТ мушкил гардонад.

2. Пешниҳодҳои алоҳидаи муаллиф, ки дар матни диссертатсия ҷой доранд, мутаассифона, дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҷой дода нашудаанд. Масалан, дар саҳифаи 64 диссертатсия муаллиф дар КҶ ҶТ муақаррар намудани ҷавобгариро барои азонихудкунии чизи бозёфтшуда асос мешуморад ё ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур ҷудо намудани аз ҷониби шахси мансаби давлатиро ишғолкунанда бо роҳи сӯистифода аз мақоми хизматии худ содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкориро ба мақсад мувофиқ мешуморад (саҳ 69 диссертатсия). Вале пешниҳодҳои мазкур дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҷассум наёфтаанд.

3. Дар саҳифаи 214 диссертатсия муаллиф зикр менамояд, ки

“минбаъд, дар мавриди дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарӣ барои ҷинояти тасарруфи молу мулки ғайр новобаста аз шакл ва тарзи содиркунии он, ки хусусияти коррупсионӣ дорад, бояд дар як моддаи алоҳида пешбинӣ шуда, масъалаи бекор кардани ҷазои алтернативӣ дар намуди ҷарима барои такроран тасарруф намудани молу мулк баррасӣ карда шавад”. Дар мавриди дигар бошад зарурати пурзӯр намудани ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ё исрофкории аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содиршударо дар доираи м.245 КҶ ҶТ пешниҳод месозад. Аз ин ҷо мавқеи муаллиф норавшан аст, яъне тасарруф бо истифода аз мақоми хизматӣ бояд дар моддаи алоҳида муқаррар шавад ё танҳо пурзӯр намудани ҷавобгарӣ бо истифода аз мақоми хизматӣ дар доираи шаклҳои алоҳидаи тасарруф кофӣ мебошад? Мехостем ҳангоми ҳимоя ин масъала аз ҷониби муаллиф равшан карда шавад.

Эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ва маводи нашрнамудаи муаллиф ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мутобиқат дошта, хулоса ва мазмуни мухтасари таҳқиқоти муаллиф оид ба мавзӯи мазкур мебошанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ мебошад, ки

ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Автореферат бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, махсусан мазмуну моҳияти муқаддима, бобҳо ва зербобҳои таҳқиқот оварда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Рисолаи илмии Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Диссертация ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии назди кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муҳокима ва баррасӣ шуд. Дар семинар 13 нафар иштирок намуданд: тарафдор 13, зид - нест, бетараф - нест. Протоколи семинари илмӣ - назариявӣ аз 31-уми октябри соли 2024, таҳти №4).

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамӣ, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, маводи корӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ таҳлил гардида хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили

илми ҳуқуқшиносӣ манзур шудааст. Дар маҷмуъ, рисолаи Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Оралбаев Х.Х. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар асоси талаботи бандҳои 76-79 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Ҷаласаи кафедра аз 4-уми ноябри соли 2024, таҳти №4. Дар ҷаласаи кафедра аз 15 нафар иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Бобозода Ҷ. Қ.

**Ташхисгар:**
Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи

давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Оралбаев Х.Х.

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидов Р. А.

Имзои Бобозода Ҷ.Қ., Оралбаев Х.Х.
ва котиби ҷаласа Ҳомидов Р.А -ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992 (37) 231-02-01. E-mail: tgfeu@ tgfeu.ru

04. 11. 2024